Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

## ТАҚРИЗИ

**муқаррризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Нодирзода Нозимҷон Мансур дар мавзуи «Корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ: масоили иҷро ва адои он», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст. Рисолаи илмии Нодирзода Нозимҷон Мансур дар мавзуи: «Корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷинотӣ: масоили иҷро ва адои он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии *Нодирзода Н.М. ба яке аз* масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқи ҷиноятӣ – ҷазои корҳои ислоҳӣ бахшида шудааст, ки дар он паҳлуҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии ҷазои мазкур мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар натиҷаи таҳқиқоти илмӣ унвонҷӯ нуктаҳои илмии назариявӣ ва тавсияҳои амалиеро ба ҳимоя пешниҳод менамояд, ки баҳри мукаммал гардидани қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, коркарди роҳҳои самарабахши татбиқи ҷазои мазкур дар амалия ва дар маҷмуъ амалисозии ҳуқуқи ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамоянд. Натиҷаи

кор, хулоса ва тавсияҳое, ки аз ҷониби рисоланавис манзур гардидаанд, бо дарназардошти таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ, қонунгузории давлатҳои хориҷӣ, инчунин андешаву назари олимони дохиливу хориҷӣ сурат гирифтаанд, ки асоснокии онҳоро ифода менамоянд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Нодирзода Нозимҷон Мансур ҳам аз лиҳози илмӣ-назариявӣ ва амалӣ мубрам ба шумор меравад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Диссертатсияи Нодирзода Нозимҷон Мансур аз нуқтаи назари масъалагузорӣ, мавзуи интихобшуда, усули баррасӣ ва роҳҳои илмии ҳалли масоили мавҷудаи корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ: масоили иҷро ва адои он навгонии ҷиддӣ дар фазои илми ҳуқуқшиносӣ, махсусан ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятии кишвар маҳсуб мегардад. Он аввалин таҳқиқоти илмии ба забони тоҷикӣ таҳияшудае мебошад, ки дар он масоили корҳои ислоҳӣ ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ дар ҷумҳурӣ бо истифода аз таҷрибаи дигар давлатҳо мавриди баррасӣ қарор дода шуда, аз якчанд навгониҳо иборат мебошад. Дар рисолаи илмии мазкур бори аввал таҷрибаҳои муосири миллӣ ва хориҷӣ, инчунин маълумотҳои омории кишвар вобаста ба масъалаҳои ҷазои корҳои ислоҳӣ, ки дар адабиёти илмӣ ва санадҳои судӣ мавҷуданд, оварда шудааст. Инчунин, муаллиф ба муқаррароти пешбининамудаи м. 52 КҶ ҶТ диққат дода, алоқамандӣ ва дигаргунии онро бо қонунгузории ҷиноятии кишварҳои аъзои ИДМ муқоиса намудааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**.

Эътимоднокӣ ва дурустии аксари муқаррароти илмӣ, хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия ифода ёфтааст, дар вусъат ва гуногунии заминаи сарчашмаҳои хуб таҳияшуда таъмин карда мешаванд, гузаронидани баҳсҳои дуруст бо истифода аз усулҳои когнитивӣ, бо назардошти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ маводи дуруст

интихобшуда, ба муаллиф имкон медиҳанд, ки вазифаҳои дар наздаш гузошташударо пурра иҷро намояд. Ҳангоми навиштани рисолаи мазкур, муҳаққиқ як қатор адабиёти ҳуқуқӣ ва дигар асарҳоро таҳлил намуда, ба доктринаи муосир ва ватанӣ муроҷиат кардааст. Эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсионӣ, инчунин аз истифодаи заминаҳои васеи таҷрибавӣ, ки дар шакли маълумотҳои гуногуни оморӣ, таҳлили як қатор санадҳои судӣ омӯзиши парвандаҳои шахсии маҳкумшудагон оварда шудаанд, бармеояд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти рисолаи илмӣ ба он хотир эътимодноканд, ки онҳо дар асоси таҳлили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, КИҶҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи ислоҳоти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятии Тоҷикистон то соли 2030, Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумхурии Тоҷикистон ва ғайра, ба даст омадаанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Хулоса ва пешниҳодҳои дар диссертатсия дарҷгардида, бешубҳа арзиши илмӣ дошта, дар инкишофи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва пешниҳодҳо ҷиҳати мукаммалнамоии қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ҳангоми таъин ва иҷрои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ иборат мебошад. Аҳаммияти амалии диссертатсия дар он ифода мегардад, ки хулоса ва пешниҳодҳои дар кор ҷойдошта мумкин аст, дар рафти такмилдиҳии минбаъдаи меъёрҳои амалкунандаи қонунгузории ватанӣ, аз ҷумла КҶ ҶТ, қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ, КИҶҶ ҶТ, КИҶ давлатҳои аъзои ИДМ ва ғайра, инчунин ҳуқуқтатбиқкунӣ хизмат намояд.

Ғайр аз ин, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар ҷараёни омӯзиши курсҳои таълимии ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, курси махсуси таълимии ҳуқуқӣ «Асосҳои таъини ҷазо», ҳангоми тайёр намудани маводи таълимӣ истифода шаванд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**. Оид ба муҳтавои диссертатсия муаллиф 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 4 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои ватанӣ ба нашр расонида шудаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Эродҳо ба диссертатсия.** Дар таҳқиқоти диссертатсионии Нодирзода Н.М. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровварда шудаанд.

Дар рисолаи илмии пешниҳодгардида маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопгардида, мавҷуд намебошад.

Дар баробари ин, дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ба назар мерасанд, ки онҳоро қайд намудан лозим аст ва дар шакли тавсияҳо барои таҳқиқотҳоиояндаи ӯ пешниҳод менамоем:

1. Муаллиф дар таҳқиқот асосан ба таҷрибаи нозироти корҳои ислоҳӣ дар вилояти Суғд такя намуда, таҷрибаи иҷро ва адои корҳои ислоҳиро дар минтақаҳои дигари ҷумҳурӣ мавриди таҳлил қарор надодааст, ки ин ба андешаи мо барои ба пурраги муайян намудани масъалаҳои ҷойдоштаи иҷро ва адои ҷазои мазкур дар миқёси ҷумҳурӣ мусоидат карда наметавонад.

2. Дар пешниҳоди шашум (Пешниҳодҳое, ки хусусияти назариявӣ доранд) муаллиф истифодаи таҷрибаи Ҷумҳурии Қазоқистон, Украина ва Қирғизистон оид ба ташкили хадамоти пробатсия ва ҷорӣ намудани он дар ҶТ-ро мувофиқи мақсад мешуморад (саҳ. 12). Вале дар матни таҳқиқот мутассифона зарурати ҷорӣ намудани чунин хадамот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда нашудааст.

3. Дар пешниҳоди чорум (Пешниҳодҳое, ки ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ равона гардидаанд) муаллиф баён медорад, ки "Қисми 5 м.40 КИҶҶ ҶТ бо таҳрири зер ифода карда шавад: "Дар мавриди тағйир ёфтани ҷойи кор бо мақсади санҷиши асоснок будани он ё тағйир додани ҷойи истиқомат, маҳкумшуда уҳдадор аст, пешакӣ дар давоми даҳ рӯз нозироти корҳои ислоҳиро огоҳ созад". Вале тақрибан чунин меъёр дар қ.5 м.40 КИҶҶ ҶТ ҷой дорад. Мақсад аз ин пешниҳод дар чӣ аст? Аз муаллиф асосноккунии иловагӣ вобаста ба пешниҳоди мазкур талаб карда мешавад.

Эродҳое, ки дар боло зикр шуданд, аз лиҳози илмӣ мубоҳисавӣ буда, ба комил будани рисолаи номзади Нодирзода Нозимҷон Мансур таъсири манфӣ намерасонанд. Онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки масъалаҳои баррасинамудаи муаллиф мубрам буда, метавонанд диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб намоянд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсиоиии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Нодирзода Нозимҷон Мансур дар мавзуи «Корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷинотӣ: масоили иҷро ва адои он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба талаботҳои бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад. Он фарогири масъалаҳое мебошад, ки барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мусоидат менамоянд. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои навини илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Натиҷаҳои ба дастовардаи муаллиф барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷинотӣ ва

соҳаҳои дигари ҳуқуқ мувофиқ мебошад. Дар маҷмуъ, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои рушди қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ ва такмили соҳа аҳаммияти муҳим доранд. Ҳамзамон, хулоса ва натиҷаҳо метавонанд ҳангоми навиштани рисолаҳои хатм, магистрӣ, диссертатсия, инчунин дар амалия ва дар рафти татбиқи санади судӣ ва адои ҷазои корҳои ислоҳӣ метавонад ба таври васеъ мавриди истифода қарор гиранд, ки ҷанбаҳои мусбати таҳқиқоти Нодирзода Нозимҷон Мансурро нишон медиҳад.

Диссертатсияи Нодирзода Нозимҷон Мансур дар мавзуи «Корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ: масоили иҷро ва адои он», аз рӯи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267(бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад ва сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; хуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессори кафедраи ҳуқуқи**
**ҷиноятии факултети ҳуқуқшиносии**
**Донишгоҳи славянии Русияву**
**Тоҷикистон** **Абдуҳамитов В.А.**

**Имзои В.А. Абдуҳамитов-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳои ДСРТ** **Раҳимов А. А.**

Суроға: Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, кучаи Мирзо Турсунзода, 30, Телефон: (+992 37) 221-35-50, Email: rtsu@mail.ru, htpp://www.rtsu.tj

«09» 01 2025 с.